Ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-019 – и
назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
(734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17)

# ТАҚРИЗ

ба рисолаи илмии Ғафорова Шаҳноза Абдуҷабборовна дар мавзуи "Хусусиятҳои криминологии зӯроварӣ дар оила ва роҳҳои пешгирии он" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ

Нақши бонувону занон дар эъмори ҷомеаи демократӣ ва дунявӣ хеле бузург мебошад. Аз ин ҷост, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳуқуқҳои занон эҳтироми хосса гузошта, баробарҳуқуқии зану мард бошад, дар моддаи 17-и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон кафолат дода шудааст. Ҳамзамон, барои иҷроиш, ташаккул ва боло бардоштани мақоми зан дар ҷомеа аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон кӯшишҳои назаррас анҷом дода мешавад, ки дар ин раванд дар ҷумҳурӣ як қатор санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии сатҳи байналмилалию миллӣ эътироф ва қабул гардидаанд. Аз қабили Конвенсия дар бораи барҳам додани тамоми шаклҳои таъбиз нисбат ба занон, Протоколи иловагӣ ба Конвенсия оид ба барҳам додани тамоми шаклҳои таъбиз нисбат ба занон, Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи кафолатҳои давлатии баробарҳуқуқии мардону занон ва имкониятҳои баробари амалигардонии онҳо", Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи хизмати давлатӣ", Консепсияи рушди оила дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи тадбирҳои баланд бардоштани мақоми зан дар ҷомеа", қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 апрели соли 2021, №167 "Дар бораи Стратегияи миллии фаъолгардонии нақши занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2030", қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 апрели соли 2017, №158 "Дар бораи Барномаи давлатии тарбия, интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳои роҳбарикунанда аз ҳисоби занону духтарони лаёқатманд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2017-2022, қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2015, №801 "Дар бораи Консепсияи рушди оила дар Ҷумҳурии Тоҷикистон", қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 январи соли 2021, №5 "Дар бораи грантҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати дастгирӣ ва рушди фаъолияти соҳибкории занон барои солҳои 2021-2025",

Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, Стратегияи миллии фаъолгардонии нақши занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2030 ва ғайраҳо. Санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии қабулгардида баробарҳуқуқии марду занро кафолат дода, тамоми шаклҳои таъбиз нисбат ба занонро манъ менамоянд. Санадҳои болозикр аз он шаҳодат медиҳанд, ки мавзуи интихобкардаи Ғафорова Ш.А. дар воқеъ бисёр мубрам мебошад.

Аз матни автореферати диссертатсия бармеояд, ки мавзуъ ба таври мантиқӣ ба муқаддима, 2 бобу 7 зербоб, хулоса, рӯйхати сарчашмаҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ ва илмӣ, интишороти муаллиф дар мавзуи таҳқиқот тақсим гардида, ҳар як боби минбаъда паҳлуҳои нави мавзуи илмиро таҳлилу баррасӣ менамояд. Аз ҷиҳати методологӣ унвонҷӯ аз санадҳои меъёриву ҳуқуқии на танҳо Тоҷикистон, балки қонунгузории амалкунандаи кишварҳои хориҷӣ ва амалияи онҳо низ истифода бурдааст.

Ғафорова Ш.А. навгониҳои барои ҳимоя пешниҳодшавандаро ба таври мушаххас ва сода баён намуда, илман асоснок намудааст.

Бори аваал дар илми криминологияи ватанӣ чораҳои махсуси криминологии пешгирии зӯроварӣ дар оила аз доираи васеи чораҳои гуногунҷабҳа таҳқиқоти илмӣ гузаронида шуда, барои бевосита ба рафъи бартарафнамоӣ ва кам кардани омилҳои криминогенӣ дар оила пешниҳодҳо карда шудаанд. Муаллиф иброз менамояд, ки чораҳои махсуси криминологии пешгирии зӯроварӣ дар оиларо ба намудҳои зерин метавон тақсим кард: чораҳои пешгирии ҳолатҳое, ки сабаби содир гардидани ҷинояти хусусияти зӯроваридошта дар оила мегарданд; чораҳои аз байн бурдани зӯроварӣ дар оила; чораҳои мурофиавӣ ҳангоми баррасӣ ва ҳалли парвандаҳои ҷиноятӣ ва парвандаҳои хусусии айбдоркунӣ дар соҳаи муносибатҳои оилавӣ; чораи таҳлилӣ дар оилаҳое, ки дар онҳо кирдори зӯроварона содир мегардад; чораҳои дигари махсуси криминологии пешгирии зӯроварӣ дар оила (саҳ. 19).

Инчунин дар диссертатсия якчанд масъалаҳои баҳснок ба назар мерасад: дар параграфи 2.4 нақши васоити ахбори оммаро дар пешгирии зӯроварӣ дар оила муҳим шуморидааст. Гуфта шудааст, ки дар бисёр кишварҳои ҷаҳон ҷиҳати ин масъала ҳам чораҳои ҳуқуқӣ ва ҳам техникӣ фаъолона истифода бурда мешаванд: аз қабили қабули меъёрҳое, ки намоиши маводи видеоии таблиғоти зӯровариро манъкунанда, блокаторҳои махсус дар телевизионҳо, ба роҳ мондани функсияи назорати волидайн аз телефонҳои фарзандон ва ғайраҳо. Дар ин замина, агар диссертант чораҳои ҳуқуқӣ ва ҳам техникии пешгирӣ намудани ин

зуҳуроти номатлубро пешниҳод менамуданд, дурусттар мебуд.

Бояд қайд намоем, ки эродҳои мазкур хусусияти ҷузъӣ дошта, сифат ва сатҳи рисолаи анҷомдодашударо коҳиш намедиҳанд, балки мавқеи муаллифро ҳангоми ҳалли масъалаҳои гуногун дар алоҳидагӣ нишон медиҳанд.

Бо назардошти ин гуфтаҳо, хулоса намудан мумкин аст, ки диссертатсияи Ғафорова Шаҳноза Абдуҷабборовна дар мавзуи "Хусусиятҳои криминологии зӯроварӣ дар оила ва роҳҳои пешгирии он" кори илмии анҷомёфта маҳсуб ёфта, ба талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ мебошад.

Доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент,
мудири кафедраи ҳуқуқи байналмилалӣ
ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети
ҳуқуқшиносии Донишгоҳи
(Славянии) Русияву Тоҷикистон — Аминова Ф.М.

Имзои Аминова Ф.М. -ро тасдиқ менамоям
Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси Донишгоҳи
(Славянии) Русияву Тоҷикистон — Рахимов А.А.

«15» 11 2023 с.

Суроға: 734025, ш. Душанбе,
к. М.Турсунзаде, 30
Тел.:(992) 227 3986